# Юнус



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ДАР СОЛИ 760 ТО МИЛОД ХАЛҚИ ИСРОИЛ ТАҲТИ ҲУКМРОНИИ ПОДШОҲ ЁРОБЪОМИ II ДАР ҲОЛАТИ НАШЪУНАМОИ СИЁСӢ.


АММО, ЧУНОН КИ БО БИСЁР ПОДШОҲОНИ ИСРОИЛ МЕШУД... ОНҲОАЗ ШАРИАТИ МУСО РӮ ГАРДОНДА, «ОН ЧИ ДАР НАЗАРИ ПАРВАРДИГОР БАД БУД, БА АМАЛ МЕОВАРДАНД».


БА ХАЛҚИ ИСРОИЛ ВОЗЕҲУ РАВШАН ФАРМУДА ШУДА БУД, КИ ТАНҲО ЯК ПАРВАРДИГОР ХУДОРО ПАРАСТИШ КУНАНД.


ИБОДАТГОҲИ УРШАЛИММАКОНЕ БУД, КИ ХУДОРО ДАР ОН ҶО ПАРАСТИШ КАРДАН ДАРКОР БУД.


АГАРЧИ ЁРОБЪОМИ II БИСЁР ЗАМИНҲОРО ЗАБТ НАМУД, Ӯ ЯК МУШКИЛИИ КАЛОН ДОШТ.


Ӯ БА ГУНОҲҲОИ ПОДШОҲИ ДИГАР – ЁРОБЪОМИ I ПАЙРАВӢ МЕКАРД.


АЗ БОИСИ ҶУДОИИ СИЁСӢ ВА ИСЁН, ЁРОБЪОМИ I ДАР ЗАМИНИ ДОН ДУ ГӮСОЛАИ ТИЛЛОРО ГУЗОШТА БУД.
БАР ХИЛОФИ ФАРМУДАҲОИ ЯҲУВА, Ӯ МЕХОСТ, КИ ХАЛҚ БА ОН ҶО БА ПАРАСТИШ ОЯД.


БИСЁРЕ АЗ ХАЛҚИ ИСРОИЛ ВА САРВАРОНИ ОНҲО ФАРОМӮШ КАРДАНД, КИ НАҚШАИ ХУДО АЗ ОН ИБОРАТ БУД, КИ ОНҲО БА ДИГАР ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН ДАР БОРАИ ЯГОНА ХУДОИ ҲАҚИҚӢ ХАБАР ДИҲАНД.


ПАРВАРДИГОР БА НАЗДИ ОНҲО ЮНУС НОМ ШАХСРО ФИРИСТОД, ТО ДАР ИН БОРА ЁДРАС НАМОЯД.
ЮНУС ПАЙҒАМБАРИ ХУДО БУД. ПАРВАРДИГОР ЮНУСРО ДАЪВАТ КАРДА, ИМКОНИЯТИ НОТАКРОРЕ ДОДА БУД. КИ АЗ НОМИ Ӯ БА МАРДУМ СУХАН ГӮЯД.
АММО ПАС АЗ ЧАНДЕ ПАРВАРДИГОР ҚАРОР ДОД, КИ БА ЮНУС СУПОРИШИ МУШКИЛТАРИНИ ХУДРО ДИҲАД...
БАРХЕЗ, БА НИНВЕ – ШАҲРИ БУЗУРГ – БИРАВ ВА ДАР ОН МАВЪИЗА НАМО, ЗЕРО КИ БАДКОРИИ ОНҲО ТО БА ПЕШИ МАН БАРОМАДААСТ.

Юнус 1:1-2










Ҳастӣ 8:4 • Ҳастӣ 10:8


ЯКЕ АЗ ШАҲРҲОЕ КИ НИМРӮЗ БУНЁД НАМУД, НИНВЕ БУД, КИ ДАР СОҲИЛҲОИ ДАҶЛА ҶОЙГИР БУД.
ДАР РӮ БА РӮИ МАВСИЛ ДАР ОН ТАРАФИ ДАРЁ ДАР ИРОҚИ ҲОЗИРА
НИНВЕРО ГОҲО «ШАҲРИ ДУЗДОН» МЕНОМИДАНД, ЗЕРО СОКИНОНИ ОН, БО МАҚСАДИ САРВАТ БА ДАСТ ОВАРДАН, БА САРЗАМИНҲОИ ДИГАР ТОХТУТОЗҲО КАРДА, ҒОРАТ МЕНАМУДАНД.


БА МОНАНДИ БАРОДАРОНИ ЯҲУДИИ ХУД, ЮНУС АЗ НИНВЕ НАФРАТ ДОШТ ВА БА СОКИНОНИ ОН БАРОИ ҲАМАИ БАДИҲОИЕ КИ ОНҲО БА МАРДУМИ АТРОФ КАРДА БУДАНД, ХОҲОНИ БАДӢ БУД.


АММО БОРЕ ЮНУС ИН СУХАНОНИ БАРОЯШ НОХУШРО ШУНИД...
БАРХЕЗ, БА НИНВЕ – ШАҲРИ БУЗУРГ – БИРАВ ВА ДАР ОН МАВЪИЗА НАМО, ЗЕРО КИ БАДКОРИИ ОНҲО ТО БА ПЕШИ МАН БАРОМАДААСТ


ЮНУС ДАРҲОЛ БА ФИКРЕ АФТОД, КИ ЧӢ ТАВР АЗ ИҶРОИ ИН НАҚШАИ ХУДО БАРКАНОР МОНАД.
Ӯ АЗ МАРДУМИ НИНВЕ НАФРАТ ДОШТ ВА АЗ ОН ШОД БУД, КИ ПАРВАРДИГОР ОНҲОРО НОБУД КАРДАНӢ АСТ.
АЗ ҲАМИН САБАБ Ӯ БА ЁФӮ РАВОНА ШУД, ТО БА КИШТИЕ КИ СӮИ ТАРШИШ МЕРАФТ, САВОР ШАВАД...
...Ӯ МЕХОСТ ТО ҲАДДИ ИМКОН АЗ НИНВЕ ДУРТАР БОШАД.
БА ХУДИ ТАРШИШ – АЗ ЗАНАТ МЕГУРЕЗӢ Ё АЗ АНДОЗҲО?
НА ИН ВА НА ОН.
АЗ ХУДОЯМ ЯҲУВА
НОМИ АҶОИБ.
НАҚШАИ АҶОИБ...



АММОХУДО БОЗ ЯК ВОСИТА ДОШТ, ТО ДИҚҚАТИ ЮНУСРО ҶАЛБ НАМОЯД – БОДИ ТУНДЕ БАР БАҲР БАРХЕСТ ВА ТӮФОНИ БУЗУРГЕ ДАР БАҲР БА АМАЛ ОМАД.
...БАҲРНАВАРДОН БА ХУДОЁНИ ХУД МУРОҶИАТ КАРДАН ГИРИФТАНД.
КАМУШ – МОРО ПАНОҲ ДЕҲ!
ДОҶӮНИ БУЗУРГ – ОМАДА, МОРО НАҶОТ ДЕҲ!!!
КИШТӢ ҲОЗИР МЕШИКАНАД!
КИШТИРО САБУК КУНЕД – БОРҲОРО БА БАҲР ПАРТОФТАН ГИРЕД!!!
#@!*!
АММО ЮНУСИ БЕИТОАТ ДАР ДАР ТАҲХОНАИ КИШТӢ БА ХОБИ САХТ РАФТА БУД.
ТУ ЧӢ ТАВР ХОБИДА МЕТАВОНӢ? БАРХЕЗ, ХУДОИ ХУДРО, КИ НОМИ АҶИБ ДОРАД, БИХОН.
ШОЯД Ӯ МОРО ЁД КУНАД, ВА МО БА ҲАЛОКАТ НАРАСЕМ.


Юнус 1:4-6


БИЁЕД, ҚУРЪА ПАРТОЕМ, ТО ДОНЕМ, КИ АЗ БОИСИ Кӣ ИН ОФАТ БА МО РАСИДААСТ.
ҚУРЪА БА НОМИ КАСЕ АФТАД, ҲАМОН АЙБДОР АСТ.
...ВА ҚУРЪА БА НОМИ ЮНУС АФТОД.
БА МО БИГӯ, КИ АЗ БОИСИ Кӣ ИН ОФАТ БА МО РАСИДААСТ?
КАСБУ КОРИ ТУ ЧИСТ, ВА АЗ КУҶО МЕОӣ?
ДИЁРИ ТУ КУҶОСТ?
АЗ КАДОМ ҚАВМ ҲАСТӣ?

Юнус 1:7-8


МАН ИБРӣ ҲАСТАМ, ВА ЯҲУВА ХУДОИ ОСМОНРО, КИ БАҲР ВА ХУШКИРО ОФАРИДААСТ, МЕПАРАСТАМ.
ТУ БА МО ГУФТӢ, КИ АЗ ХУДО МЕГУРЕЗӢ. АКНУН МО БА ТУ БОВАР МЕКУНЕМ!
ИН ЧӢ КОР АСТ, КИ ТУ КАРДӢ?
ТӮФОН ТОРАФТ САХТТАР МЕШУД.
БО ТУ Чӣ КУНЕМ, ТО КИ БАҲР БАРОИ МО ОРОМ ШАВАД?
МАРО БАРДОШТА, БА БАҲР ПАРТОЕД, – ВА БАҲР БАРОИ ШУМО ОРОМ МЕШАВАД.
МАН МЕДОНАМ, КИ АЗ БОИСИ МАН ИН ТӯФОНИ БУЗУРГ БА САРИ ШУМО ОМАДААСТ.
АММО БАҲРНАВАРДОН НАМЕХОСТАНД ЮНУСРО КУШАНД, ВА КӮШИШ КАРДАНД БОШИДДАТ БЕЛ ЗАДА, КИШТИРО БА ХУШКӢ РАСОНАНД.
АММО ОНҲО БА ТӮФОН МУҚОБИЛАТ КАРДА НАМЕТАВОНИСТАНД, ВА БАҲР БЕШ АЗ ПЕШ МЕХӮРӮШИД.


ЛУТФАН, ЭЙ ПАРВАРДИГОР, АЗ БОИСИ ҶОНИ ИН ОДАМ БА ҲАЛОКАТ НАРАСЕМ.
ХУНИ БЕГУНОҲРО БА ГАРДАНИ МО НАМОН; ЗЕРО КИ ТУ, ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ОН ЧИ ХОСТӣ, КАРДӣ.
ҲАМИН КИ МО ӮРО БА ОБ ПАРТОФТЕМ...
БАҲР ПУРРА ОРОМ ШУД!
АЗ АФТИ КОР, ИН ХУДО, КИ ЮНУС ДАР БОРАИ Ӯ МЕГУФТ – ЯҲУВА – ХУДОИ ҲАҚИҚӢ АСТ!
ИНРО ДИГАР ХЕЛ МАЪНИДОД КАРДАН ҒАЙРИИМКОН АСТ!
ЗУД БОШЕД! ҒАЛЛАЕРО, КИ БОҚӢ МОНДААСТ, ҶАМЪ КУНЕД – МО БА ИН ХУДО ЯҲУВА ҚУРБОНӢ МЕКУНЕМ.
Юнус 1:14-16


АММО ПАРВАРДИГОР МОҲИИ БУЗУРГЕРО РАВОН КАРД, ТО КИ ОМАДА, ЮНУСРО ФУРӮ БАРАД.


Юнус 1:17


ХУДОИ Ӯ ЯҲУВА МОҲИИ БУЗУРГРО ФИРИСТОД...
...ТО КИ ӮРО КУШАД!


АММОХУДОМОҲИИ БУЗУРГРО НА БАРОИ КУШТАНИ Ӯ ФИРИСТОД, БАЛКИ БАРОИ ОН КИ БА Ӯ ДАРСЕ ОМӮЗОНАД.
БЕИТОАТӢ АРЗИШИ ГАРОН ДОРАД... ВА ДАРДНОК АСТ


ПАРВАРДИГОР БА ЮНУС ФАРМУД, КИ БА НИНВЕ РАВАД.
АГАР ХУДИ ЮНУС БА ОН ҶО РАФТАН НАХОҲАД, ПАС ПАРВАРДИГОР БАРОИ ОН ҒАМХОРӢ МЕКУНАД, КИ Ӯ БО РОҲИ ДИГАР БА ОН ҶО РАВАД.


ХУДО ДИҚҚАТИ ЮНУСРО ҶАЛБ НАМУД.АКНУН НАВБАТИ ЮНУСБУД, ТО АКСУЛАМАЛ НАМОЯД.
СЕ РӮЗУ СЕ ШАБ ЮНУС ДАР ТОРИКӢ БУД.
Ӯ ДАР ХУСУСИ БЕЙТОАТИИ ХУД ФИКР МЕКАРД... ВА ДУО МЕГУФТ.
ДУОИ Ӯ ДИЛИ ДИГАРГУНШУДААШРО ИНЪИКОС МЕНАМУД.
ДАР ТАНГИИ ХУД СӮИ ПАРВАРДИГОР ХОНДАМ, ВА МАРО ИҶОБАТ НАМУД.
АЗ БАТНИ ДӮЗАХ ИСТИҒОСА БУРДАМ, ВА ТУ ОВОЗИ МАРО ШУНИДӢ.
ОБҲО МАРО ТО БА ҶОНАМ ФАРО ГИРИФТАНД; ВАРТА МАРО ИҲОТА НАМУД; ОБСАБЗА БА САРАМ ПЕЧИД. ЛЕКИН ТУ, ЭЙ ПАРВАРДИГОР ХУДОИ МАН, ҲАЁТАМРО АЗ ДӮЗАХ БАРОВАРДӢ.
КАСОНЕ КИ БА БУТҲОИ БЕАРЗИШ МЕЧАСПАНД, МАРҲАМАТРО АЗ ДАСТ МЕДИҲАНД. АММО МАН ҚАСАМЕРО, КИ ХӮРДААМ, БА ҶО МЕОВАРАМ; НАҶОТ АЗ ҶОНИБИ ХУДО МЕОЯД.

Юнус 2:1-9


СЕ РӮЗУ СЕ ШАБ БЕ ХӮРОК ВА ДАР ТОРИКӢ ТАЪСИРИ ХУДРО РАСОНДАНД. ИН ДАФЪА, ҲАНГОМЕ КИ ПАРВАРДИГОР СУХАН МЕГУФТ – ЮНУС ТАЙЁР БУД ИТОАТ НАМОЯД.
АКНУН ПАРВАРДИГОР БА ЮНУС ДАР ИҶРОИ СУПОРИШЕ КИ АЗ АВВАЛ БА Ӯ ДОДА ШУДА БУД, ЁРӢ МЕРАСОНД.
ВА КАЛОМИ ПАРВАРДИГОР БОРИ ДУЮМ БА ГӮШИ ЮНУС РАСИД...
БАРХЕЗ, БА НИНВЕ – ШАҲРИ БУЗУРГ – БИРАВ ВА ОН ЧИРО, КИ МАН БА ТУ ФАРМУДАМ, ДАР ОН МАВЪИЗА НАМО.
ИН ДАФЪА... ЮНУС ТАЙЁР БУД БА ФАРМУДАИ ХУДО ИТОАТ НАМУДА, БА ШАҲРИ НИНВЕ БАРОИ МАВЪИЗА КАРДАН РАВАД.

Юнус 2:10


ПАРВАРДИГОР ДИҚҚАТИ ЮНУСРО ҶАЛБ НАМУД...
...ВА Ӯ, ЭҲТИМОЛ, ДИҚҚАТИ ДИГАРОНРО НИЗ ҶАЛБ НАМУД.
МО ДИДЕМ, КИ ЧӢ ТАВР МОҲИИ БУЗУРГ ӮРО АЗ ШИКАМАШ БЕРУН ПАРТОФТ – БА Ӯ НИГАРЕД, ЧӢ ГУНА РАНГПАРИДА АСТ!
ДАР ШИКАМИ ИН ГУНА МОҲӢ БОШӢ, АЛБАТТА ЧУНИН МЕШАВӢ!
ИН ШАХС, КИ БА НИНВЕ РАВОНА БУД, АЛБАТТА ДИҚҚАТИ ОДАМОНРО ҶАЛБ МЕКАРД.
ЮНУСРО ҲАНӮЗ БОЯД АЗ КӮҲҲО ВА ДАШТҲО ГУЗАШТА, РОҲИ ДУРЕРО ТАЙ МЕНАМУД, ТО КИ БА НИНВЕ РАСАД. АММО ИН ДАФЪА Ӯ ТАЙЁР БУД ИТОАТ НАМОЯД.
БО МУРУРИ ОН КИ ЮНУС АЗ ШАҲРҲО ВА ДЕҲАҲО МЕГУЗАШТ, ОВОЗАҲО ДАР БОРАИ ИН ШАХС АЗ БАҲРДАР ҲАМА ҶО ПАҲН МЕШУДАНД.
ЯКЕ АЗ МАЪМУЛТАРИН ОБЪЕКТҲОИ ПАРАСТИШИ АШШУРИЁН ХУДО-МОҲӢ ДОҶӮН БУД.
ИН ҲАМОН ШАХСЕСТ, КИ ӮРО МОҲИИ БУЗУРГ АЗ ШИКАМАШ БЕРУН ПАРТОФТААСТ.
ШУМО ЧӢ ФИКР ДОРЕД, ОЁ ӮРО ДОҶӮН ФИРИСТОДААСТ ?


ШАҲРИ НИНВЕ АЗИМ БУД –МАСОҲАТИ ОН, ЭҲТИМОЛ, ЮНУСРО ҲАЙРОН КАРД.1
АШШУРИЁН БЕҲАД БЕРАҲМ БУДАНД – ОНҲО ЗАБОНИ ДУШМАНОНИ ХУДРО МЕКАНДАНД Ё ЗИНДА БА ЗИНДА ПӮСТИ ОНҲОРО МЕКАНДАНД ВА ДАР ДЕВОРҲОИ ШАҲР ОВЕХТА МЕМОНДАНД.
ХУДО ЮНУСРО ТАЙЁР КАРД... АММО Ӯ ҲАМЧУНИН ХАЛҚИ НИНВЕРО ТАЙЁР КАРД.
ЯКЧАНД СОЛ ПЕШ ДАР ОН ҶО ГУРУСНАГИИ САХТ БУД.
ОФТОБ ГИРИФТ, ВА МАРДУМ АЗ ХУД МЕПУРСИДАНД, КИ ШОЯД ХУДОЕ ҲАСТ, КИ ОНҲО ӮРО ХАШМГИН КАРДААНД.
ВА АКНУН... ОДАМ АЗ БАҲР, КИ ОН ҶО ХУДО-МОҲӢ СОКИН АСТ.
ХУДОДИҚҚАТИ ОНҲОРО БА ШУНИДАН ҶАЛБ НАМУД.


ОДАМ АЗ БАҲР НАЗДИ ДАРВОЗАИ ШАҲР АСТ.
МЕГӮЯНД, КИ Ӯ ПАЁМЕ АЗ ХУДО ДОРАД!
МАРДУМИ НИНВЕ ҶАМЪ ШУДАНД, ТО ПАЁМИ ИН ШАХСРО, КИ БА ШАҲР БА ВОСИТАИ ЧУНИН ВАЗЪИЯТҲОИ ҒАЙРИОДӢ ОМАДААСТ, ШУНАВАНД.
КАЛОМИ ХУДОРО ШУНАВЕД.
БАДКИРДОРИҲО ВА ХУНРЕЗИҲОИ ШУМО БА ГӮШИ ХУДОИ ОСМОН РАСИДААСТ.
Ӯ ҚАРОР ДОДААСТ, КИ ПАС АЗ ЧИЛ РӮЗ НИНВЕ ХАРОБ КАРДА МЕШАВАД!
ИН ПАЙҒАМБАРИ ИБРӢ МЕГӮЯД, КИ МО БОЯД НА ХУДОИ ДАСТИСОХТРО, БАЛКИ ТАНҲО ХУДОИ ИБРИЁНРО, КИ ҲАМАИ ЧИЗИ АТРОФРО ОФАРИДААСТ, ПАРАСТИШ КУНЕМ.
Ӯ ҲАМЧУНИНМЕГӮЯД, КИ БАДКИРДОРИҲОИ МО ЗИДДИ ДУШМАНОНАМОН ХУДОИ ИБРИЁНРО ХАШМГИН КАРДААНД.
ВА ЧӢ?
ВА АГАР МО ТАВБА НАКУНЕМ, ХУДОИ ИБРИЁН ШАҲРИ МОРО ХАРОБ МЕКУНАД – ЧУНОН КИ ШАҲРҲОИ САДӮМ ВА АМӮРОРО ХАРОБ КАРДА БУД.

Юнус 3:3-4


ПАС АЗ ЧИЛ РӮЗ НИНВЕ ХАРОБ КАРДА МЕШАВАД!
АММО БАЪД ЯКЕ АЗ АҶИБТАРИН ВОҚЕАҲО ДАР ТАЪРИХ РӮЙ ДОД...
ПОДШОҲ ВА БУЗУРГОНИ Ӯ ФАРМОН БАРОВАРДАНД: ОДАМОН ВА ҲАЙВОНОТ, ГОВОН ВА ГӮСФАНДОН ЧИЗЕ НАХӮРАНД, БА ЧАРОГОҲ НАРАВАНД ВА ОБ НАНӮШАНД.ОДАМОН ВА ҲАЙВОНОТ ПАЛОСПӮШ ШАВАНД, ВА БО ГИРЯВУ НОЛАБА ХУДО МУРОҶИАТ КУНАНД.
ҲАР КАС АЗ РОҲИ БАДИ ХУД ВА АЗ «ЗУЛМИ ДАСТҲОИ ХУД» ТАВБА КУНАД.
КӢ МЕДОНА Д?
ШОЯД, ПАРВАРДИГОР РАҲМ НАМУДА, АЗ ҒАЗАБИ ХУД БАРГАРДАД, ТО КИ МО ҲАЛОК НАШАВЕМ.
ПОДШОҲИ НИНВЕ ФАРМОН БАРОВАРД, ВА МАРДУМИ НИНВЕ БА Ӯ ИТОАТ НАМУДАНД – АЗ КАЛОН...
...ТО ХУРД.




ҲАНГОМЕ ЮНУС ИНТИЗОРИ ДИДАНИ ОН БУД, КИ ХУДОНИНВЕРО ХАРОБ МЕНАМОЯД, ЧУНОН КИ ВАЪДА ДОДА БУД, БО ВОҚЕАИ ТАМОМАН ДИГАР РӮ БА РӮ ШУД.
ҲАНГОМЕ ХУДОДИД, КИ МАРДУМИ НИНВЕ САМИМОНА ТАВБА КАРДА, АЗ РОҲҲОИ БАДИ ХУД БАРГАШТААНД, Ӯ БА ОНҲО РАҲМ НАМУД ВА ШАҲРРО ХАРОБ НАКАРД.
Юнус 3:10


ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ОЁ СУХАНИ МАН ҲАМИН НАБУД, ВАҚТЕ КИ ҲАНӯЗ ДАР ДИЁРИ ХУД БУДАМ?
БАРОИ ҲАМИН ҲАМ БА ГУРЕХТАН БА ТАРШИШ ШИТОБ КАРДАМ. МАН МЕДОНИСТАМ, КИ ТУ ХУДОИ БАХШАНДА ВА РАҲМДИЛ, ПУРСАБР ВА ПУР АЗ МУҲАББАТ ҲАСТӣ, ВА АЗ ОФАТИ МЕФИРИСТОДААТ ПУШАЙМОН МЕШАВӣ.
АКНУН, ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ҶОНИ МАРО БИГИР, ЗЕРО КИ МУРДАНАМ АЗ ЗИСТАНАМ БЕҲТАР АСТ.
ОЁ ХУБ АСТ, КИ ДАР ҚАҲР ШАВӣ?


ЮНУС АЗ ШАҲР БАРОМАДА, АЗ ТАРАФИ ШАРҚИИ ШАҲР НИШАСТ.
ДАР ОН ҶО БАРОИ ХУД ХАЙМАЕ СОХТА, ЗЕРИ ОН ДАР СОЯ НИШАСТ, ТО БИНАД, КИ ДАР ШАҲР Чӣ ВОҚЕА МЕШАВАД.

Юнус 4:1-5


ПАРВАРДИГОР ХУДО КАНАДОНАЕ РӮЁНИД, ВА ОН БА БОЛОИ ЮНУС ҚАД КАШИД, ТО КИ БАР САРИ Ӯ СОЯ АФКАНДА, ӮРО АЗ МАҲЗУНИЯШ РАҲО КУНАД.
... ВАЮНУС АЗ КАНАДОНА БИСЁР ШОД ШУД.

Юнус 4:6


АММО ФАРДОИ ОН, ҲАНГОМИ ШАФАҚИ СУБҲ, ХУДО БА КИРМЕ ФАРМУД, КИ КАНАДОНАРО ЗАНАД, ВА ОН ХУШК ШУД.

Юнус 4:7


ВАҚТЕ КИ ОФТОБ БАРОМАД, ХУДО БОДИ ШАРҚИИ ТАФСОНЕ ВАЗОНИД, ВА ОФТОБ САРИ ЮНУСРО ЗАД, ВА Ӯ БЕҲОЛ ШУД.
Ӯ БА ХУД МАРГ ТАЛАБИД.
МУРДАНАМ АЗ ЗИСТАНАМ БЕҲТАР АСТ.
ОЁ БАРОИ КАНАДОНА ДАР ҚАҲР ШУДӢ?
ТО БА ДАРАҶАИ МАРГ ДАР ҚАҲР ШУДАМ.
ТУ КАНАДОНАРО ДАРЕҒ МЕДОРӣ, КИ БАРОИ ОН МЕҲНАТ НАКАРДАӣ ВА ОНРО НАРӯЁНИДАӣ, КИ ОН ДАР ЯКШАБ ПАЙДО ШУД ВА ДАР ЯК ШАБ НОБУД ШУД.
АММО ДАР НИНВЕ ЗИЁДА АЗ САДУ БИСТ ҲАЗОР КАС ЗИНДАГӢ МЕКУНАНД, КИ ДАСТИ РОСТУ ЧАПИ ХУДРО НАМЕТАВОНАНД ФАРҚ КУНАНД(КӮДАКОН), ВА ҲАЙВОНОТИ БИСЁРЕ НИЗ ҲАСТАНД.
ОЁ МАН ИН ШАҲРИ БУЗУРГРО ДАРЕҒ НАДОРАМ?
ЮНУС ДАРСИ МУҲИМЕРО ОМӮХТА БА ИСРОИЛ БАРГАШТ – ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ПУР АЗ МАРҲАМАТ АСТ, КИ ДАР ҲАҚҚИ ҲАМАИ ОДАМОН ҒАМХОРӢ МЕКУНАД.

Юнус 4:8-11






Матто 12:38-40


МАРДОНИ НИНВЕ ДАР РӯЗИ ДОВАРӣ БАР ИН НАСЛ БАРХЕСТА, ОНРО МАҲКУМ МЕКУНАНД, ЧУНКИ ОНҲО БО МАВЪИЗАИ ЮНУС ТАВБА КАРДАНД; ВА ИНАК, ШАХСЕ АЗ ЮНУС БУЗУРГТАР ИН ҶОСТ.

Матто 12:41








**SUPERBIBLE.TV**